**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02- Таърихи ватанӣ) Душанбе, 2024.**

Таърихи электрокунонӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ҳанӯз ба давраи пеш аз барпошудани Ҳокимияти Шуравӣ, яъне замони салтанати амирони манғитӣ рост меояд. Аввалин Неругоҳи баркӣ неругоҳи барқии обии Хоруғ мебошад, ки сохтмони он соли 1913 оғоз ёфта, соли 1914 ба истифода дода шуда буд. Инчунин, ин нерӯгоҳи барқӣ аз аввалин Неругоҳи гидротехникӣ дар тамоми Бухорои Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ маҳсуб ёфта, тамоми муассисаҳои маъмурӣ, тиббӣ, мактабҳо, инчунин биноҳои дастаи сарҳадии Хоруғро бо нерӯи барқ таъмин мекард.

Дар давраи шуравӣ хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ба таври самаранок имкониятҳои васеи қувваи барқи арзонро дар мақсадҳои истеҳсолии худ мавриди истифода қарор дод. Таърихи электрикунонии хоҷагии қишлоқи ҷумҳуриро дар давраи шӯравӣ дар асоси маводҳои мавриди омӯзиш қарордода метавон ба ду марҳилаи шартӣчудо намуд.

Марҳилаи аввал аз охири солҳои 20-уми асри XX оғоз мешавад. Дар ин давра, аниқтараш соли 1924 дар Душанбе қувваи барқи дезилӣ ба кор бурда шуд, ки эҳтимол аз аввалин дизелҳои истифодашуда дар миқёси Тоҷикистон мебошад. Онасосан барои равшан кардани биноҳои маъмурӣ, муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ, маданӣ ва маориф истифода мешуд. Аммо Ҳукумати Шуравӣ пеш аз ҳама ба электрокунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон, хусусан электрокунонии марзи Тоҷикистону Афғонистон таваҷҷуҳ дошт. Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) дар шароити имрӯза аҳамияти муҳимро касб менамояд. Рисола аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб хулоса ва

адабиёт иборат аст. Мақсади асосии таҳқиқи мазкур омӯхтан ва воқеъбинона таҳлил кардани маводи амалӣ доир ба масъалаҳои таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, муайян кардани дараҷаи таъсири он ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурӣ Тоҷикистон мебошад.

Тавре аз автореферати рисолаи мазкур бармеояд, муаллиф дар рафти омӯзишу таҳлили маводи мавзӯи интихобшуда дар назди худ вазифаҳои зеринро муқаррар намудааст:

- нишон додани манзараи воқеии захираҳои обию энергетикии ин минтақа;

- муайян кардани сатҳи амалии истифодабарии захираҳои обию энергетикии минтақа бо мақсадҳои истеҳсолӣ;

- таҳлил кардани вазъи равандҳои истифодабарии қувваи барқ дар фарҳангу ҳаёти маишии аҳолииин ноҳияҳо;

- муайян кардани аҳаммият ва нақши қувваи барқ дар ҳаёти фарҳангӣ ва маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ;

- таҳлил кардани дастовардҳои истифодабарии қувваи барқ дар равандҳои заҳматталаби хоҷагии деҳот дар минтақаҳои ҷанубу шарқӣ;

- асоснок кардани зарурати ташаккулёбии маҷмааи сӯзишворию энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои мунтазам таъмин кардани ҳамаи минтақаҳои кишвар бо қувваи барқ;

- муайян кардани пойгоҳи маводӣ ва дурнамои сохтмони истгоҳҳои барқии нави хурд, миёна ва калондар ҳудуди Тоҷикистон;

- баррасӣ кардани аҳаммияти байналхалқӣ ва сиёсии сиёсати Иттиҳоди шуравӣ доир ба электрикунонии ноҳияҳои наздисарҳадӣ;

- асоснок кардани дурнамои рушди минбаъдаи энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон.

Воқеан ҳам кори таҳқиқотии мазкур барои илми таърихи имрӯза аҳамияти муҳимро касб менаоянд. Он омӯзиши мушаххаст аст, дар шинохти таърихи электрокунонии мамлакат.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Б.М. дар мавзӯи "Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) кори мукамал иҷрошуда буда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02- Таърихи ватанӣ ) мебошад.


***Дотсенти кафедраи таърихи***
***халқи тоҷики***
***ДДОТ ба номи С. Айнӣ,***
***номзади илмҳои таърих*** ***Шарипов Маликшо***

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,*
*тел.: + 992 919059214*


***Тасдиқ мекунам:***
***Сардори раёсати кадрҳо***
***ва корҳои махсуси ДДОТ***
***ба номи Садриддин Айнӣ*** ***Абдукарим Мустафозода***

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

***«23» 05 2024 с.***